# МУКОЛАМАИ ФАРОМАРЗИИ БИСЁРҶОНИБА БА НАФЪИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ВА СУЛҲ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ



Проект финансируется
Европейским Союзом

## ДАР БОРАИ ЛОИҲА

Лоиҳаи ***«Муколамаи фаромарзии бисёрҷониба ба нафъи таҳаммулпазирӣ ва сулҳ дар Осиёи Марказӣ»***, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад, ба муколама ва ҳамкории бисёрҷонибаи фаромарзӣ дар байни Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон бо мақсади пешбурди таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ, пешгирии тундгароӣ, баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи решаҳои ифротгароии зӯроварона ва аҳамияти ҳусни тафоҳум, инчунин ба таҳкими неруи ҷомеаи шаҳрвандии минтақаҳои наздисарҳадии се мамлакат равона гардидааст.

Лоиҳа аз тарафи консорсиум таҳти роҳбарии Фонди ба номи Конрад Аденауэр якҷоя бо се шарики миллӣ: Ҳаракати Экологиии “БИОМ” (Қирғизистон), Ҳаракати Умумимиллии “Юксалиш” (Ӯзбекистон) ва Ташкилоти Ҷамъиятии «Гендер ва Тараққиёт» (Тоҷикистон) дар давоми 36 моҳ амалӣ карда мешавад, аз соли 2020 оғоз гардида, соли 2023 ба итмом мерасад.

## РИСОЛАТ ВА МАҚСАДУ ВАЗИФАҲОИ ЛОИҲА

**Рисолати асосии лоиҳа** – ***мусоидат ба муколама ва ҳамкории бисёрҷонибаи фаромарзӣ дар байни Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон бо мақсади пешбурди таҳаммулпазирӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва пешгирии тундгароӣ***.

**Мақсади лоиҳа** – ***баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи решаҳои ифротгароии зӯроварона ва аҳамияти ҳусни тафоҳум, таҳкими неруи ҷавонон ва ҷомеаи шаҳрвандии маҳаллии минтақаҳои наздисарҳадии Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, татбиқ ва ниҳодигардонии шаклҳои гуногуни муколамаи фаромарзӣ ва байнисоҳавӣ барои талқини таҳаммулпазирӣ, пешгирии ифротгароии зӯроварона, беҳтар намудани ҳамкории байни ҷамъиятҳои наздисарҳадӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳокимиятҳои маҳаллӣ***.

Барои иҷрои самараноки вазифаҳои мазкур андешидани тадбирҳои маҷмуие пешниҳод карда мешавад, ки аз се бахши асосӣ иборатанд, аз ҷумла:

## БАХШИ 1.

**Тадқиқоти таҳлилӣ ва стратегияи ВАО.** Таҳлили таҳдидҳои имконпазири сабабҳои тундгароӣ, муайян кардани гурӯҳҳои нисбатан осебпазири ҷавонон, аз ҷумла духтарон, инчунин ҷустуҷӯи амсилаҳои самараноки баланд бардоштани дараҷаи устувории ҷомеа ба таҳдидҳои тундгароӣ ва ва ифротгароии зӯроварона. Гузарондани чорабиниҳои эзоҳотӣ бо кормандони воситаҳои ахбори омма ва ҷавонон, инчунин баланд бардоштани сатҳи маълумоти аҳолии маҳаллӣ дар бораи арзишҳо ва таҷрибаи ҳамзистии осоишта.

- Гузаронидани тадқиқоти бунёдӣ, ки аз таҳлили вазъият, арзёбии омилҳои осебпазирӣ ва устувории ҷавонони Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба хатарҳои тундгароӣ ва ифротгароии зӯроварона иборат аст;
- Тавассути харитаҳо ва таҷҳизоти дигар намоиш додани натиҷаҳои тадқиқот ба намояндагони воситаҳои ахбори омма ва ҷавонон;
- Таҳияи стратегияҳои миллӣ ва минтақавии васоити ахбори омма оид ба масъалаҳои ташаккули ҳамсоягии дӯстона, таҳаммулпазирӣ, сулҳоварӣ ва пешгирии ифротгароии зӯроварона ва мушкилоти сарҳадӣ дар минтақа;
- Таҳкими неруи журналистон дар масъалаҳои инъикоси ғайриичборим ҳодисаҳо ва пешгирии низоъҳо.

## БАХШИ 2.

**Таҳкими неру.** Таҳкими неруи субъектҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташаббусҳои ҷавонон, тарафҳои манфиатдори соҳаи маориф ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ бо мақсади мусоидат намудан ба ҳамдигарфаҳмӣ ва пешгирии ифротгароии зӯроварона дар ноҳияҳои наздисарҳадии се мамлакат. Баланд бардоштани қобилияти ҷавонон ва ташкилотҳои маҳаллии ҷомеаи шаҳрвандӣ барои миёнаравии фаъолона дар муколама дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ.

- Таҳияи модулҳои таълимии ***«Соатҳои синфӣ оид ба таҳаммулпазирӣ»*** ва гузарондани тренингҳо барои муаллимон оид

- ба масъалаҳои сулҳоварӣ, ҳамсоягии дӯстона ва таҳаммулпазирӣ;
- Ворид намудани барномаҳои сулҳоварӣ ва ҳамсоягии дӯстона ба системаи таҳсилоти иловагии ғайрирасмӣ дар вилоятҳои наздисарҳадӣ;
- Ташкили курси он-лайнӣ барои таълими иловагии муаллимон;
- Ташкили конференсияҳо барои намояндагони соҳаи маориф;
- Ташвиқ ва ҳавасмандгардонии ҷавонон ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба миёнаравии фаъолона дар муколама дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ;
- Кушодани Марказҳои Дӯстӣ, Ҳамдигарфаҳмӣ ва Таҳаммулпазирӣ дар донишгоҳҳои Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон.



## МАРКАЗҲОИ ДӮСТӢ, ҲАМДИГАРФАҲМӢ ВА ТАҲАММУЛПАЗИРӢ

Дар заминаи Марказҳои назди донишгоҳҳои водии Фарғона платформаҳои гуногуни муколамаи фаромарзӣ ва байнисоҳавие ташкил карда мешаванд, ки инҳоро таъмин менамоянд: таҳкими неруи ҷавонон, хусусан духтарон, ба фаъолияти самараноки иҷтимоӣ ҷалб намудани онҳо, таҳкими робитаҳои мусбати иҷтимоии байни одамон, мубориза бо ақидаҳои қолабӣ, мустаҳкам намудани боварӣ ба якдигар, дастгирии таҳаммулпазирӣ ва ҳамсоягии дӯстонаи байни се мамлакати зерҳадаф.

Марказҳо барои татбиқи лоиҳаҳои гуногуни фаромарзӣ, инкишоф додани неруи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва платформаҳои мубоҳисавии ҷавонон, инчунин барои таҳияи маводи таълимию иттилоотӣ ба сифати «Хаб» хизмат хоҳанд кард. Тамоми чорабиниҳои Марказҳо ба инкишофи таҳаммулпазирӣ ва бунёди ҷомеаи гуногунфарҳанг ва аз лиҳози гендерӣ ҳассоси ҷавонон, ки ба дискурсҳои ҷаҳонӣ ворид гардида, барои рушди устувор саъй менамоянд, мусоидат мекунанд.

## БАХШИ 3.



**Муколамаи фаромарзӣ ва ҷомеаи маҳаллӣ.** ***Ташкил ва дастгирӣ намудани платформаҳои гуногуни муколамаи фаромарзӣ ва байнисоҳавӣ барои таҳкими робитаҳои байни одамон, мубориза бо ақидаҳои қолабӣ, мустаҳкам намудани боварӣ ба якдигар ва тарғиби таҳаммулпазирӣ.***

- Таҳияи ***«Рӯзномаи маҳаллии таҳаммулпазирӣ»*** дар 6 ҷамоати пилотии водии Фарғона;
- Гузарондани тренингҳо барои мақомоти маҳаллии ҳокимият ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон. Дастгирии чорабиниҳои фаромарзии ҷавонон;
- Ташкили Форуми минтақавии ҷавонон оид ба масъалаҳои таҳаммулпазирӣ;
- Гузарондани фестивали ташаббусҳои ҷавонон.



## ГУРӮҲҲОИ ЗЕРҲАДАФИ ЛОИҲА

- Ҷавонони се мамлакат;
- Мактабҳои олӣ;
- Ҷомеаи шаҳрвандӣ, журналистон;
- Ҳокимиятҳои маҳаллӣ ва аҳли ҷомеаи водии Фарғона.




**www.peace4centralasia.org**

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ ба инҳо муроҷиат намоед:

ҲЭ “БИОМ”
Қирғизистон, ш. Бишкек, хиёбони Чуй, 164а, ҳуҷраи 408/1
E-mail: biomkg@gmail.com, тел.: (+996) 312 311 671
www.biom.kg, www.safe.edu.kg

ҲУМ «Юксалиш»
Ӯзбекистон, ш. Тошкент, кӯчаи Ш. Рашидов, хонаи 16,
E-mail: info@yumh.uz, тел.: (+998) 712 393 323
www.yumh.uz

ТҶ «Гендер ва Тараққиёт»
Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Бухоро, х.50, кв.21,
E-mail: info@gender.tj, тел.: (+992) 372 215 651
www.gender.tj